Замимаи 1
бо фармоиши сардори Сарраёсати
маорифи шаҳри Душанбе
аз «___» ___ ___ соли 2024, №___

Низомномаи
«Форуми ҷавонону наврасони шаҳри Душанбе оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ»

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Форуми ҷавонону наврасони шаҳри Душанбе оид ба технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ озмун барои хонандагону наврасони шаҳри Душанбе буда, дар доираи «Ҳафтаи илм, технология, инноватсия ва ихтироъкории наврасону ҷавонони шаҳри Душанбе» бо мақсади амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар соли 2024 баргузор карда мешавад.

2. Форум бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, рушди тафаккури техникӣ, тарғиби ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо кардан ба техникаву технология, тавсеаи ихтироъкорӣ ва навоварӣ, бедор намудани шавқу рағбати хонандагон ба эҷодкорӣ, омӯзиши амиқи илмҳои дақиқ ва риёзӣ, ташаккули сатҳи фарҳанги техникӣ, сайқал додани донишу маҳорат ва дастгирии ихтироъкорону навоварони наврасу ҷавон, ҷалби хонандагону донишҷӯён ба омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, инчунин, дарёфт ва муаррифии истеъдодҳои нав дар байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе баргузор мегардад.

3. Форум аз рӯи номинатсияҳои зерин баргузор карда мешавад:

- Номинатсияи «Барномасозӣ»
- Номинатсияи «Зеҳни сунъӣ»
- Номинатсияи «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ»
- Номинатсияи «Робототехника»
- Номинатсияи «Дизайни графикӣ»

## 2. САРПАРАСТ ВА МАСЪУЛОНИ ФОРУМ

4. Сарпарасти Форум Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе мебошад.

5. Масъули баргузории Форум Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» мебошад.

6. Маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ва шуъбаҳои маорифи ноҳияҳои пойтахт дар тарғиб, ҷалб ва ҷараёни баргузории Форум иштирок мекунанд.

7. Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» ҷиҳати дар сатҳи баланди ташкилӣ баргузор кардани Форум масъул буда, ғолибонро аз ҷиҳати моддӣ ва маънавӣ ҳавасманд мегардонанд.

## 3. ТАРТИБИ БАРГУЗОРИИ ФОРУМ

8. Ҷойи баргузории рӯзҳои Форум аз ҷониби Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» муайян карда мешавад.

9. Шумораи ғолибони Форум аз ҳар як номинатсия набояд аз 3 нафар зиёд бошад.

10. Муҳлати пешниҳоди ҳуҷҷатҳои довталабон барои иштирок ба Кумитаи тадорукот то 14 майи соли 2024 муқаррар карда мешавад.

11. Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва Муассисаи давлатии «Маркази таҳлилӣ-иттилоотии назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе» масъули гузарондани маросими тантанавии супоридани ҷоизаҳо ба ғолибони Форум мебошанд.

## 4. НАМУДҲОИ «ФОРУМ»

12. «Форум» бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фарҳанги техникӣ, маданияти иттилоотии интернетӣ, оммафаҳмии технологияи иттилоотӣ, тарғиби имкониятҳои шабакаи интернет дар рушди сатҳи донишу дараҷаи ҷаҳонбинии наврасон ва ҷавонон гузаронида мешавад. Он аз номинатсияҳои зерин иборат аст:

**I. *Номинатсияи «Барномасозӣ»***

Иштирокчиён мувофиқи шартҳои зерин бояд корҳои эъҷодии худро дар шаклҳои гуногун пешниҳод намоянд:

- сохтани барномаҳои таълимӣ-омӯзишӣ;
- сохтани барномаҳои идоракунанда;
- сохтани барномаҳои барои дастгоҳҳои мобилӣ;
- лоиҳаҳои интернетӣ.
- таҳияи шакли сомонаҳо (сайтсозӣ);
- лоиҳаҳои ороишӣ (дизайн ва дизайнерӣ).

**II. *Номинатсияи «Зеҳни сунъӣ»***

Иштирокчиён бояд бо сохтани аёниятҳои зеҳни сунъӣ машғул шуда, намунаи кори худро пешниҳод намоянд. Зеҳни сунъӣ метавонад доираи васеи мавзуъҳоро фаро гирад.

**III. *Номинатсияи «Ихтироъкорӣ ва навоварӣ»***

Довталабон бояд дастгоҳу таҷҳизот, техникаву технологияҳои ихтироъкардаи худро пешниҳод созанд. Ба ихтироъоту навовариҳое, ки патент доранд бартарӣ дода мешавад.

**IV. *Номинатсияи «Робототехника»***

Робототехника муҳимтарин заминаи техникии рушди истеҳсолот ба шумор меравад. Бинобар ин, довталабон ба таҳияи системаҳои техникии автоматикунонидашуда машғул шуда, маводи худро бояд пешниҳод намоянд.

**V. *Номинатсияи «Дизайни графикӣ»***

Маводи пешниҳодӣ дар ин номинатсия бояд хусусиятҳои ташаккули манзараи визуалии замони муосирро бо инобати фарҳанги миллӣ фаро гирад.

## 5. ШАРТҲОИ ИШТИРОК ДАР «ФОРУМ»

13. Дар «Форум» хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе новобаста аз шакли моликият ва тобеияташон иштирок карда метавонанд.

14. Иштирокчиён метавонанд дар «Форум» ба таври фардӣ (индивидуалӣ) ва ё ба таври даставӣ (гурӯҳӣ, ки шумораи он номаҳдуд аст) иштирок намоянд. Иштирокчии «Форум» ҳуқуқ дорад корҳои эҷодии худро аз рӯи намудҳои гуногун, ки дар шартҳои он нишон дода шудааст ба Кумитаи тадорукот пешниҳод намояд.

15. Барои ҳамаи номинатсияҳо шартҳои зерин талаб карда мешавад:

- мутобиқат намудани лоиҳаҳои пешниҳодшаванда ба номинатсияҳои муқаррашудаи озмун;
- иттилоот ва маълумот доштани лоиҳаҳои пешниҳодшаванда;
- ба мавзуъ мутобиқ будани иттилооти дохили лоиҳаҳои пешниҳодшаванда;
- формати лоиҳаҳои пешниҳодшаванда: HTML ва CSS, PHP, MySQL, Java Script, MyAdmin;
- лоиҳаҳои пешниҳодшаванда бояд ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ буда, дорои навигатсияи муносиб ва дохилии мантиқӣ бошанд. Инчунин, дар лоиҳаҳо бояд ранга (гамма) ва ягонагии ҳарфҳо (шрифт) риоя карда шавад;
- лоиҳаҳое, ки мухтавои даъват ба зӯрӣ, барангезиши муноқишаҳо, хусусияти нажодпарастӣ ва маҳалгароидошта, баёни дағал, ғайриахлоқӣ ва монанди инҳо доранд, ба «Форум» роҳ дода намешаванд;
- таҷҳизот ва дастгоҳҳое, ки дар номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ пешниҳод карда мешаванд, бояд хусусияти навоварӣ дошта бошанд;
- дар номинатсияи дизайни графикӣ касбияти дизайнерӣ, диди нав, навоварӣ, эҷоди асарҳои мубрам ба эътибор гирифта мешавад.

16. Шартҳои ташкил ва баргузории «Форум» аз ҷониби Кумитаи тадорукот назорат карда мешавад.

17. Довталаб бояд 5 рӯз пеш аз оғози «Форум» санадҳои зеринро бо ариза ба Кумитаи тадорукот пешниҳод намояд:

- маълумотномаи ягонаи довталаб (мувофиқи шакли аз ҷониби Кумитаи тадорукот пешниҳодшуда);
- тарҷумаи ҳол (бо тасдиқи муассисаи таълимӣ);
- 4 дона сурати 3x4;
- маълумотнома аз макони зист ё ҷойи таҳсил.

18. Як шахс танҳо дар як номинатсия аз номи як муассиса дар «Форум» иштирок карда метавонад.

19. Регламенти баромади довталаб барои муаррифии лоиҳа то 20 дақиқа муайян мегардад.

20. Ғолибони «Форум», ки сазовори ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ва барандаи Шоҳҷоиза гардиданд, то се сол дар форумҳои солҳои минбаъда ҳуқуқи иштирок карданро надоранд.

## 6. МЕЪЁРИ АРЗЁБИИ ҒОЛИБОНИ «ФОРУМ»

21. Донишу истеъдоди иштирокчиёни «Форум» аз рӯйи донишҳои назариявии донистани қонуну қоидаҳо, теоремаву аксиомаҳо, назарияҳо, ҳалли масъалаҳои амалӣ ва корҳои озмоишӣ, инчунин намоиши дастоварди илмӣ ва навовариҳо муайян карда мешаванд.

22. Ҳайати ҳакамони «Форум» ба дараҷаи маҳорат ва истеъдоди иштирокчиён аз рӯйи низоми 100-хола ба меъёрҳои зерин баҳо медиҳанд:

- дизайн;
- идея;
- муҳтавои лоиҳа;
- самти фарогирӣ;
- навоварӣ.

Ҳамчунин, меъёрҳои зерин низ барои баҳогузорӣ ба инобат гирифта мешаванд:

- тахаюлоти эҷодӣ;
- услуби кори иҷрошуда;
- навоварӣ ва эҷодкорӣ;
- интихоби дурусти мавзуъ;
- ҷолиб будани маводи дохилӣ;
- мазмун ва дараҷаи кори иҷрошуда;
- асбобу воситаҳои истифодашуда;
- маҳорату малака.

## 7. ҲАЙАТИ ҲАКАМОН

23. Шумора ва ҳайати ҳакамони «Форум»-ро Кумитаи тадорукот муайян ва тасдиқ мекунад.

24. Ҳайати ҳакамони «Форум» корҳои зеринро иҷро мекунанд:

- донишу истеъдоди иштирокчиёнро натиҷагирӣ мекунанд;
- холҳоро муқаррар карда, бо овоздиҳии кушода ғолибро муайян менамоянд;
- натиҷаи «Форум» дар протокол дарҷ гардида, бо имзои аъзои ҳакамон тасдиқ карда мешавад.

25. Ба ҳайати ҳакамони «Форум» бо инобати мутахассисон аз Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ва зерсохторҳои тобеи он, шуъбаҳои маорифи пойтахт, омӯзгорон ва олимону муҳаққиқон ворид мешаванд.

26. Шахсе, ки шогирд ё узви оилаи ӯ дар «Форум» иштирок мекунад, ҳуқуқи ба ҳайати ҳакамон шомил гардиданро надорад.

27. Хулосаи ҳайати ҳакамони дар Кумитаи тадорукот баррасӣ ва тасдиқ карда мешавад.

28. Кумитаи тадорукот дар ҳолати ҷавобгӯй набудани хулосаи ҳайати ҳакамон ба талаботи Низомномаи мазкур (дар ҳолатҳои истисноӣ ва ё муайян гардидани иштибоҳоти техникӣ) ҳуқуқи бекор кардани онро дорад. Ҳамчунин, дар сурати ба вуҷуд омадани мушкилоте, ки дар Низомномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, Кумитаи тадорукот ваколати ҳалли онро дорад.

## 8. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОД БАРОИ ДАРЁФТИ ШОҲҶОИЗА

29. Барои дарёфти Шоҳҷоиза довталабе роҳ дода мешавад, ки натиҷаи кори ӯ ба ҳамаи меъёрҳои дарҷёфта дар Низомномаи мазкур ҷавобгӯ бошад.

## 9. КУМИТАИ ТАДОРУКОТ ВА ВАЗИФАҲОИ ОН

30. Барои ташкил ва назорати баргузории Форум Кумитаи тадорукоти Форум (минбаъд - Кумитаи тадорукот) таъсис дода шуда, ҳайати он бо фармоиши сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе тасдиқ карда мешавад. Кумитаи тадорукот аз раис, котиб ва аъзо иборат аст. Кумитаи тадорукот мақоми олии Форум маҳсуб ёфта, ташкилу гузаронидан ва ҷамъбасти онро ба зимма дорад.

31. Салоҳияти Кумитаи тадорукот:

- таҳияи ҷадвали баргузории Форум ва назорати он;
- тасдиқи тартиб, талабот ва тавзеҳот оид ба Форум;
- ҳайати ҳакамон ва Комиссияи аппелиатсиониро таъсис дода, тасдиқ менамояд;
- назорати риояи талабот ва пешниҳоди тавсияҳо ба довталабони «Форум»;
- тасдиқ ва эълони натиҷаи хулосаи ҳайати ҳакамони «Форум»;
- корҳои ташвиқотӣ-тарғиботӣ оид ба баргузории Форумро дар асоси низомномаи мазкур ва нақшаҳои тасдиқнамудаи Кумитаи тадорукот ба роҳ мемонад;
- ҷамъбасти натиҷаи ниҳоӣ ва пешниҳоди он ба Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои шиносоӣ ва маълумот.

## 10. ТАЪМИНОТИ МОЛИЯВИИ ФОРУМ

32. Хароҷоти баргузории Форум аз ҳисоби маблағҳои махсус ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории бо қонунгузорӣ манъногардида пардохт карда мешавад.

33. Ғолибон ба таври моддию маънавӣ ҳавасманд гардонда мешаванд.

34. Ба ғолибоне, ки ҷойҳои якум, дуюм, сеюм ё Шоҳҷоизаро сазовор шудаанд, тибқи тартиби муқаррааргардида ҷоиза ва мукофот дода мешавад.

35. Ғолибоне, ки ҷойҳои чорум, панҷум ва шашумро сазовор шудаанд, бо «Ифтихорнома»-и Сарраёсати маориф шаҳри Душанбе сарфароз гардонида мешаванд.

36. Ҷоиза ва мукофоти ғолибони дар маросими тантанавӣ аз ҷониби шахсони расмӣ супорида мешавад.

37. Барои ҳавасмандгардонии ғолибони Форум ва омӯзгорони онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷалби сарпарастон иҷозат дода мешавад.